**Ба анҷомрасии 3 лоиҳа дар соҳаи маориф дар чаҳорчӯбаи “Барномаи кӯмакҳои бебозгашт ва амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ” (GGP)**

Аз 4 то 5 июли соли 2022 Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷ-би Тошиҳиро АЙКИ зимни сафараш ба вилояти Хатлон дар маросими анҷоми се лоиҳаи сохтмони бинои нави «Мактаби рақами 8 дар деҳаи Зарнисори ҷамоати Сайф Раҳимии ноҳияи Балҷувон», «Мактаби № .38 дар деҳаи Гултеппаи ҷамоати Даханаи шаҳри Кӯлоб» ва «Мактаби №35 дар деҳаи Боғистони ҷамоати деҳоти С.Турдиеви ноҳияи Ҳамадонӣ, ки дар чаҳорчӯбаи “Барномаи кӯмакҳои бебозгашт ва амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ”, ширкат варзид.

Дар маросимҳо Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷ-би Тошиҳиро АЙКИ гуфт, ки маориф яке аз муҳимтарин бахшҳои ҳамкориҳои дуҷонибаи Ҷопон ва Тоҷикистон аст. Ҳамчунин, ҷаноби АЙКИ изҳори умедворӣ кард, ки бинои сохташуда солҳои тӯлонӣ идора ва мавриди истифода қарор гирифта, хонандагони ин мактабҳо дар оянда дар рушди Тоҷикистон саҳм хоҳанд гузошт. Ҷониби Тоҷикистон ба ҳукумат ва мардуми Ҷопон барои кумакҳои расонидашуда изҳори сипос кардааст.

“Барномаи кӯмакҳои бебозгашт ва амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ” (GGP). асосан ба мақомоти маҳаллӣ, муассисаҳои таълимӣ ва тиббӣ ва созмонҳои ғайридавлатии байналмилалӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ пешниҳод карда мешаванд. Аз соли 1996 дар доираи GGP Ҳукумати Ҷопон 441 лоиҳаи башардӯстонаро ба маблағи умумии 35,9 миллион доллари ИМА, ки ба рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст, аз ҷумла 139 лоиҳа дар соҳаи маориф дастгирӣ кардааст.







Мактаби рақами 8 дар деҳаи Зарнисор







Мактаби № .38 дар деҳаи Гултеппа







Мактаби №35 дар деҳаи Боғистон